## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. (ш. Душанбе, 2026 сол).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити кунунӣ, ки ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии шикори ғайриқонунӣ аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалиро касб менамояд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои гуногунии ғании биологӣ буда, макони зисти намудҳои нодири ҳайвонот ба шумор меравад. Аз ҷумла, чунин намудҳо чун хирси малла, леопарди наздиосиёгӣ, бузи пармашох (морхӯр), гӯсфанди Марко Поло, гавазни бухорой, гӯсфанди кӯҳии бухорой ва ғизол, дар қаламрави кишвар паҳн гардида, онҳо ба руйхати намудҳои ҳифзшаванда шомил мебошанд. Аз ин лиҳоз, шикори ғайриқонунии ин намуди ҳайвонотҳо метавонад ба вайроншавии мувозинати экологӣ, коҳишёбии саршумори онҳо ва аз байн рафтани баъзе популятсияҳо оварда расонад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи табиат ва муҳити зистро уҳдадории давлат ва шаҳрвандон эътироф менамояд. Ҳамзамон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шикори ғайриқонунӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Бо вуҷуди ин, амалия нишон медиҳад, ки сатҳи латентии чунин ҷиноятҳо баланд буда, на ҳамаи ҳолатҳо ба қайд гирифта мешаванд. Ин ҳолат зарурати такмили механизмҳои ошкорсозӣ, исбот ва баҳодиҳии зарари экологиро тақозо менамояд.

Мавзуи мавриди назар аз он ҷиҳат мубрам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии як катор санадҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи гуногунии биологӣ буда, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ тақозо менамояд, ки мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Дар

шароити тағйирёбии иқлим ва афзоиши фишори антропогенӣ ба захираҳои табиӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала аҳаммияти стратегии давлатӣ касб мекунад.

Ҳамзамон, мубрамияти таҳқиқоти мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» дар он ифода меёбад, ки муҳаққиқ мавзуи мазкурро ҳаматарафа бо усулҳои илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, хулосаҳои илман асоснок баровардааст, ки онҳо барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назаррас доранд. Таҳқиқоти муаллиф низомнок таҳия шуда, мафҳуму мазмун, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии шикори ғайриқонунро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бинобар ин, таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ дорои сатҳи баланди мубрамии илмию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубориза бо шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, яке аз таҳқиқотҳои мукаммал дар ин самт ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир, бо назардошти аҳаммияти ҳифзи муҳити зист, гуногунии биологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, масъалаи пешгирӣ ва муқовимат ба шикори ғайриқонунӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи диссертатсия ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии шикори ғайриқонунӣ ба таври мукаммал таҳлил гардида, хусусиятҳои таркиби ҷиноят, омилҳои ба содиршавии он мусоидаткунанда ва роҳҳои такмили механизми муқовимат ба ин гуна ҷиноятҳо асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки фаҳмиши назариявӣ ва амалии масъалаҳои вобаста ба шикори ғайриқонунӣ густариш ёфта, самтҳои нави такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шаванд.

Яке аз унсурҳои муҳими навгонии илмии таҳқиқот дар пешниҳод намудани таърифи илмии мафҳуми «шикори ғайриқонунӣ» мебошад. Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ муҳаққиқ мафҳуми нави шикори ғайриқонуниро чунин пешниҳод намудааст: «Шикори ғайриқонунӣ – шикори ҳайвоноти шикорӣ ва ҳайвоноти ғайришикорӣ, ки бидуни иҷозати дахлдор дар вақти муайяншуда, дар ҷойҳои махсус муҳофизатшаванда бо истифода аз олот ё усулҳои манъшуда бо мақсади ба даст овардани фоида, истеъмол, фароғат ва ё дигар ҳадафҳо содир мегардад, фаҳмида мешавад».

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин хусусиятҳои криминологии шикори ғайриқонунӣ муайян гардида, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ,

ки ба содиршавии ин ҷиноят мусоидат менамоянд, ошкор карда шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки камбудиҳои назорати давлатӣ, сатҳи нокифояи огоҳии аҳолӣ ва манфиатҳои иктисодӣ ба паҳншавии шикори ғайриқонунӣ асос мегарданд.

Навгонии дигари таҳқиқот дар таҳлили хусусиятҳои шахсияти содиркунандаи ҷинояти шикори ғайриқонунӣ ва таҳияи таснифоти онҳо ифода меёбад. Дар асоси таҳкикоти гузаронидашуда гурӯҳҳои асосии шахсони ба содир намудани ин ҷиноят майлдошта муайян гардида, хусусиятҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва равонии онҳо таҳлил карда шудаанд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия як қатор пешниҳодҳои илмӣ ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи олами ҳайвонот ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, асоснок карда мешавад, ки зарурати дақиқтар муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти шикори ғайриқонунӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани он бо истифодаи мавқеи хизматӣ, инчунин дар ҳолатҳои расонидани зарари калон ба захираҳои табиӣ ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили конунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо шикори ғайриқонунӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар доираи ин таҳқикот пешниҳод шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуи баррасишаванда яъне, «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» асос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар мавзуи зикршуда ба ҳисоб рафта, рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи қонунгузории як қатор кишварҳои аъзои ИДМ-ро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, инчунин меъёрҳои конунгузории ҷиноятии миллӣ ва қонунгузории кишварҳои ИДМ-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар асоси ин таҳлил мазмуну моҳияти ҷинояти шикори ғайриқонунӣ ва мушкилоте, ки ҳангоми бандубасти он ба миён меоянд, баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, масъалаи фарқгузорӣ миёни ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят дар соҳаи шикори ғайриқонунӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Дар натиҷа муаллиф як қатор хулосаҳо ва тавсияҳои судманди илмию амалӣ пешниҳод намудааст.

Анҷом додани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифода аз таҷрибаи мусбии кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар самти шикори ғайриқонунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он, судманд бошад.

Дар таҳқиқоти мазкур сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва муайян намудани роҳҳои пешгирии он, омӯзиши маълумоти омории расмӣ ва амалияи судӣ, инчунин тавсияҳои амалии илман асоснок ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои қонунгузорӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти мубориза бо шикори ғайриқонунӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии судӣ таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар масъалаи пешгирии шикори ғайриқонунӣ, аҳаммияти муҳим дошта бошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисмати муқаддимавии рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, омилҳо ва нуктаҳои муҳиме, ки зарурати анҷом додани ин таҳқиқотро ба миён овардаанд, шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Ҳамзамон, дар ин бахш мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети он, навгониҳои илмӣ, инчунин аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада баён гардиданнд.

**Боби якуми диссертатсия ба «Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ: таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** пешниҳод шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар доираи он ҷанбаҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ омӯхта шудааст. Амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ин масъала баррасӣ гардида, инчунин муқоисаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо шикори ғайриқонунӣ амалӣ гардидааст.

Дар доираи боби мазкур муаллиф ба таври муфассал ба «Заминаҳои иҷтимоии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ» таваҷҷуҳ намуда, мақсад ва шароитҳои иҷтимоиеро таҳлил менамояд, ки ба ташаккул ва қабули меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи мазкур мусоидат кардаанд.

Муаллиф бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таъкид менамояд, ки дар солҳои охир, дар натиҷаи рушди бусуръати илм ва техника ва инчунин истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, таъсири инсон ба муҳити зист, бахусус ба олами ҳайвоноти ваҳшӣ, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин раванд боиси тағйир ёфтани муҳити табиии зисти ҳайвонот гардида, дар навбати худ ба камшавӣ ва ҳатто ба нобутшавии баъзе намудҳои онҳо оварда расонидааст. Дар ин замина, шикори ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимме арзёбӣ мегардад, ки ба коҳиш ёфтани саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ мусоидат менамояд (саҳ. 30).

Ҳамчунин, муаллиф «Асосҳои назариявӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ» таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ба ҳайси сарчашмаи муқарракунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ дар баробари қонунгузории ҷиноятӣ, қонунгузории маъмурӣ низ ҳамчун сарчашма баромад менамояд. Дар инҷо муаллиф моддаи 208 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки «риоя накардани қоидаҳои шикори ҳайвонот ва моҳигирӣ» ном дорад, асос оварда, қайд менамояд, ки татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ низ барои пешгирии шикори ғайриқонунӣ ҳамчун воситаи самаранок мусоидат менамояд (саҳ. 49).

Дар қисмати охири боби мазкур бошад, масъалаи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории давлатҳои дигари аъзои ИДМ» таҳлил шудааст. Дар ин замина, муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ оид ба масъалаи шикори ғайриқонунӣ метавонад дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар оид ба масъалаи мазкур мусоидат намояд. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлил бартариятҳо ва камбудиҳои қонунгузории ҷорӣ дар самти шикори ғайриқонунӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 53-62).

**Боби дуюми таҳқиқот «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ»** ном гирифта, дар он муаллиф бо такя ба моддаи 232 КҶ ҶТ масъалаҳои вобаста ба таркиби ҷинояти мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, объект ва предмети шикори ғайриқонунӣ, тарафи

объективии шикори ғайриқонунӣ, аломатҳои субъективии шикори ғайриқонунӣ ва аломатҳои бандубасткунандаи шикори ғайриқонунӣ.

Вобаста ба масъалаи «Объект ва предмети шикори ғайриқонунӣ», муаллиф назарияҳои гуногуни ҳам олимони Ватанӣ ва ҳам олимони хориҷиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Онҳо объекти ҷиноятро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие медонанд, ки қонуни ҷиноятӣ онҳоро ҳифз мекунад ва кирдори ҷиноятӣ ба онҳо зарар мерасонад. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар мавриди шикори ғайриқонунӣ, объект ба амнияти экологӣ ва муҳити зист дахл дорад ва ба таснифи умумӣ, хелӣ ва намудӣ ҷудо карда мешавад (саҳ. 66-67). Дар натиҷа, муаллиф бо истифода аз манбаъҳои илмӣ ва таҳлили назарияҳои олимон, объект ва предмети шикори ғайриқонунӣ, инчунин аломатҳои ҷудонашавандаи он аз лиҳози ҳуқуқӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба таври систематикӣ шарҳ дода, аҳамияти амалии онро барои татбиқи дурусти қонун ва пешгирии ҷиноят нишон медиҳад (саҳ. 80).

Инчунин, муаллиф ба масъалаи «Тарафи объективии шикори ғайриқонунӣ» таваҷҷуҳ намуда, таркиби ҷинояти мазкур ва хусусиятҳои онро таҳлил намудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки тарафи объективӣ маҷмуи аломатҳо ва ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки кирдори шахсро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муайян мекунад. Ӯ моддаи 232 КҶ ҶТ-ро ҳамчун диспазитсияи бланкетӣ тавсиф карда, қайд менамояд, ки моҳияти онро бояд тавассути санадҳои дигари соҳавӣ ошкор кард, ки ин бандубасти ҷиноятро мураккаб менамояд. Аз ин рӯ, муаллиф таъкид менамояд, ки барои мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ, зарур аст моддаи мазкур тағйир дода шуда, моҳияти бланкетии он возеҳ карда шавад. Дар ин замина, муаллиф пешниҳод менамояд, ки номи диспазитсияи моддаи 232 КҶ ҶТ дар шакли «Ғайриқонунӣ ба даст овардани объектҳои олами ҳайвонот» муқаррар карда шавад (саҳ. 97).

Вобаста ба масъалаи «Аломатҳои субъективии шикори ғайриқонунӣ», муаллиф диққати бештарро ба ҷанбаи равонӣ ва дохилии шахси ҷинояткор равона кардааст. Ӯ ишора менамояд, ки гарчанде доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи субъективиро ҳамчун муносибати руҳии шахс ба кирдори хавфнок барои ҷомеа бо унсурҳои гунаҳгорӣ, ангеза, мақсад ва эҳсосот тавсиф карда бошад ҳам, вале шикори ғайриқонуни аксар вақт дар шакли гуноҳи қасдона сурат мегирад.

Ҳамзамон, муаллиф қайд менамоя, ки тарафи субъективии ҷиноят фаъолияти равонии шахс аст, ки бевосита ба содиршавии ҷиноят алоқаманд буда, бо унсурҳои гуноҳ, ангеза ва мақсад муайян карда мешавад. Ин инсурҳо падидаи мустақили равонӣ мебошанд ва ҳеҷ кадоме як ҷузъи дигари таркибро пурра иваз намекунад, балки ҳар як унсур мазмуни мустақил дорад.

Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки таркиби субъективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ асосан қасдона мебошад, аммо дар назария имконияти шакли беэҳтиётӣ низ мавҷуд аст, ки бояд дар амалияи судӣ ба назар гирифта шавад. (саҳ. 98-116).

Дар қисмати охири боби дуюм бошад, масъалаи «Аломатҳои бандубасткунандаи шикори ғайриқонунӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин бахш муаллиф фаҳмиши васеи истифодаи мақоми хизматӣ ва гурӯҳбандӣ бо маслиҳати пешакиро шарҳ додааст. Ӯ нишон медиҳад, ки истифодаи мақоми хизматӣ шахсро ба имконияти воқеӣ барои ба амал овардани шикори ғайриқонунӣ мебарад ва чунин ҳолат дар моддаи 232 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят пешбинӣ шудааст. Маслиҳати пешакӣ низ дараҷаи хавфнокии кирдорро зиёд карда, мутобиқи қ. 2, м. 232 КҶ ҶТ ва банди “в”, қ. 1, м. 62 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят ба ҳисоб меравад. Муаллиф, равиш ва фарқияти байни гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва гурӯҳи муташаккилро бо назардошти сабаби пешакӣ ба нақша гирифтани кирдор ва фосилаи байни қарори содир кардан ва иҷрои воқеии ҷиноят шарҳ медиҳад (саҳ. 119-120).

Ба мақсади мушаххас ва мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ, бартараф намудани холигиҳои марбут ба муайян кардани мафҳуми истифода аз мақоми хизматӣ ҳангоми шикори ғайриқонунӣ муаллиф мафҳуми онро дар шакли зайл пешниҳод намудааст:

«Таҳти мафҳуми истифода аз мақоми хизматӣ ҳангоми шикори ғайриқонунӣ содир кардани кирдорҳое, ки шахс бо истифода (якдафъаина ё мунтазам) аз мақоми хизматӣ ба муҳити зист ва олами ҳайвонот инчунин, ба истифодаи оқилонаи захираҳои шикор таҳдид мекунад ё зарар мерасонад, фаҳмида мешавад» (саҳ. 128).

Дар натиҷаи таҳлили боби дуюм, ки ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ бахшида шудааст, муаллиф ба хулоса меояд, ки муайян намудани аломатҳои таркибии ҷиноят ва шаклҳои иштирок дар шикори ғайриқонунӣ барои татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи самараноки муҳити зист аҳамияти муҳим доранд.

**Боби сеюми диссертатсия «Тавсифи криминологии шикори ғайриқонунӣ»** ном гирифта, ба таҳлили васеи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ яъне, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ, инчунин ба сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф ба омӯзиш ва таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятии бо моддаи 232 КҶ ҶТ, ки 10 соли охир дар қаламрави кишвар содир шудаанд, шинос шудааст. Дар натиҷаи таҳлилҳо,

муаллиф қайд мекунад, ки омӯзиши шахсияти ҷинояткор дар якҷояги бо хусусиятҳои демографию иҷтимоӣ барои таҳияи чораҳои самараноки пешгирӣ ва назорат нақши муҳим дорад (саҳ. 132-134).

Дар боби мазкур муаллиф пеш аз ҳама ба масъалаҳои «Хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии шикори ғайриқонунӣ: тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ» таваҷҷуҳ намудааст. Дар ибтидо муаллиф ба таҳлилу баррасии масъалаи латентнокии ҷиноят пардохта, онро ҳамчун як мушкили муҳим дар таҳлили омори ҷиноят ва пешгирии ҷинояткорӣ муайян мекунад. Муаллиф ду намуд ҷинояти латентиро муайян кардааст: а) ҷиноятҳое, ки воқеан содир шудаанд, вале бо сабабҳои гуногун ба мақомоти давлатӣ хабар дода нашудаанд; б) ҷиноятҳое, ки мақомоти давлатӣ медонад, вале сабт нашудаанд. Дар натиҷаи ин таҳлил Ӯ қайд мекунад, ки сатҳи воқеии ҷиноят ва хатари иҷтимоӣ бештар ба омори расмӣ вобаста буда, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои коҳиш додани ҷинояти латентӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Муаллиф инчунин омилҳои иҷтимоиву иктисодиро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки аксар шикорчиёни ғайриқонунӣ сатҳи таҳсилоти миёна дошта, қариб 75 % онҳо ҷои кор надоранд. Ин нишондиҳандаҳо ба равиши ҷинояткорона ва ангезаи истифодаи роҳҳои ғайриқонунӣ барои таъмини рӯзгузаронӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамзамон, муаллиф таҳлили мукаммал ва бисёрҷанбаеро пешниҳод мекунад, ки ҳам хусусиятҳои демографӣ ва иҷтимоии шахс, ҳам ангезаи равонӣ ва ахлоқии ӯ ва ҳам механизми содиршавии ҷиноятҳои латентиро дар бар мегирад. Дар ниҳояти зербоби мазкур, муаллиф бо истифода аз омори расмӣ, таҳлилҳои демографӣ ва равонию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки фаҳмиши комил ва системавӣ оид ба шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ барои таҳияи чораҳои профилактикӣ ва назоратӣ муҳим мебошад (саҳ. 137-143).

Ҳамчунин, муаллиф дар қисмати дигари боби мазкур ба масъалаҳои «Сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он» таваҷҷуҳ намуда, пеш аз ҳама ба аҳамияти таҳлили сабабҳо ва омилҳои содиршавии ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла шикори ғайриқонунӣ таъкид мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки ҷинояткорӣ дар бахши экологӣ на танҳо амали ғайриқонунӣ, балки зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки бо омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ зич алоқаманд мебошад.

Дар ин зербоб, муаллиф сабабҳои умумӣ ва махсуси содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва ҷиноятҳои экологиро ҷудо мекунад. Сабабҳои умумӣ бештар дар нуқтаҳои зиддият байни инсон ва муҳити табиӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои ҷомеа, манфиатҳои истеҳсолӣ ва меъёрҳои экологӣ, ҳамчунин сатҳи маърифати экологӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон пайдо мешаванд. Сабабҳои махсусро пеш аз ҳама ба омилҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ рабт медиҳад, ки боиси

содиршавии ҷиноятҳои мушаххас, аз ҷумла шикори ғайриқонунӣ мегарданд. Муаллиф таъкид менамояд, ки норасоии назорати иҷтимоӣ, ангезаҳои шахсии ғаразнок ва паст будани маърифати экологӣ ба густариши ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ мусоидат мекунанд (саҳ. 144-145).

Муаллиф ҳамчунин ҷанбаҳои амалӣ ва оперативиро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки ҷамъоварии далелҳо ва муайян кардани шоҳидон дар шароити ҷойҳои дурдаст ва фаслҳои замистон мушкил аст, аз ин рӯ, назорати махсуси шикор, таҷҳизоти техникии кофӣ ва омӯзиши кормандон аҳамияти калон дорад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи муҳити зист ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои баланд бардоштани самаранокии мубориза ва пешгирӣ аз ҷиноятҳои экологӣ муҳим мебошад. Дар баробари ин таъкид менамояд, ки ассотсиатсияҳои экологӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма метавонанд фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятиро пурра кунанд. Ҷалби аҳолӣ, ташкили ҷамъиятҳои ёрдамчӣ, фароҳам овардани имкониятҳои қонунии шикор барои ҷамъиятҳои шикорчиён ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии экологӣ ба самаранокии чораҳои пешгирӣ таъсири назаррас мерасонанд (саҳ. 150-151).

Ҳамчунин, муаллиф таъкид менамояд, ки маърифати экологӣ, фарҳанги экологӣ ва таблиғоти экологӣ ҳамчун ҷузъи стратегии сиёсати давлатӣ метавонанд рафтори шаҳрвандонро дар самти истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ба тарзи масъулона ташаккул диҳанд (саҳ. 155).

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки боби сеюми диссертатсия аҳаммияти баланди назариявию амалӣ дошта, ба муайянкании шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ, пешгирии ин ҷиноят, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати амалияи тафтишотӣ ва судӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмию ,амалии диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубориза бо шикори ғайриқонунӣ дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ба таври мукаммал таҳлил ва такмил дода шудаанд. Дар раванди таҳқиқот моҳият, нишонаҳо ва хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ ҳамчун ҷиноят баррасӣ гардида, асосҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдор такмил дода шудаанд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба рушди донишҳои илмӣ дар соҳаи криминология мусоидат намуда, омилҳо ва шароити ба содиршавии шикори ғайриқонунӣ мусоидаткунандаро муайян намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назорати экологӣ ва дигар сохторҳои ваколатдор ҳангоми пешгирӣ,

ошкор ва тафтишоти ҷиноятҳои марбут ба шикори ғайриқонунӣ истифода бурда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурии марбут ба ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ таҳия гардиданд. Ин пешниҳодҳо метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими механизми ҳифзи олами ҳайвонот мусоидат намоянд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот бо он вобаста аст, ки пешгирӣ ва кам намудани ҳолатҳои шикори ғайриқонунӣ ба ҳифзи захираҳои биологӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо мусоидат менамояд. Зеро шикори ғайриқонунӣ ба иқтисодиёти давлат зарари ҷиддӣ мерасонад, аз ҷумла боиси кам гардидани захираҳои табиии ҳайвонот, коҳиши имкониятҳои истифодаи устувори онҳо ва зарари молиявӣ ба давлат мегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мубориза бо шикори ғайриқонунӣ ба баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. Тадбирҳои пешниҳодшуда барои пешгирии чунин ҷиноятҳо метавонанд ба ташаккули муносибатҳои эҳтиёткорона ва масъулона нисбат ба табиат ва олами ҳайвонот дар байни аҳолӣ мусоидат намоянд. Ҳифзи олами ҳайвонот ва гуногунии биологӣ на танҳо аҳаммияти экологӣ, балки аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ низ дорад, зеро он ба нигоҳдории мувозинати экологӣ ва шароити мусоиди зиндагии ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги экологӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа мусоидат намоянд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 11 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Илова бар ин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои умумии мусбате, ки дар тақриз баён гардидааст, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия муаллиф ба масъалаи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ дар соҳаи шикор таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки ин аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ шаҳодат медиҳад (саҳ. 8). Бо вуҷуди ин, таҳлили пешниҳодгардида то андозае маҳдуд буда, меъёрҳои асосии бандубаст ва марзгузорӣ миёни ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят дар баъзе мавридҳо ба таври возеҳ муайян нагардидаанд ва асосноккунии иловагии илмиро талаб менамоянд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ метавонад ҳангоми ҳимоя ин масъаларо равшантар намояд.

2. Дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида оид ба шикор ва муомилоти ғайриқонунии ҳайвоноти нодири ба «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохилшуда, муқаррар карда шавад (саҳ. 17-18). Аммо дар матни нуктаи мазкур робитаи танзимии ин меъёр бо моддаи амалкунандаи Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои шикори ғайриқонунӣ пешбинӣ менамояд, пурра мушаххас карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, ба назари тақризкунанда, муҳаққиқ метавонад ҳангоми ҳимоя шарҳ диҳад, ки чӣ гуна меъёри пешниҳодшуда бо моддаи амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

3. Дар матни диссертатсия, муаллиф оид ба хусусиятҳои шахсияти шикорчиёни ғайриқонунӣ (масалан, «ҳамаи онҳо мард мебошанд») бар асоси ҳаҷми маҳдуди мавод (яъне, аз 18 парвандаи ҷиноятӣ) пешниҳод шудаанд, ки ба андешаи тақриздиҳанда, ин барои умумисозии илмӣ ва баровардани хулосаҳои боэътимод кофӣ намебошанд (саҳ. 133).

Дар маҷмуъ, метавон зикр намуд, ки эродҳо ва камбудиҳои баёнгардида, ба арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва муҳтавои умумии онро коста намегардонанд.

Дар умум, диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқаррízи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Одиназода Н.С.

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Ховарон, хонаи 217,
Тел.: (+992) 988-60-77-77
Email: odinaev1977@yandex.ru

**Имзои Одиназода Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, ш. Душанбе, кучаи М.Мастонгулов 3.
Тел. кори: (+992 37) 226-28-92.
E-mail: avkdtj@mail.ru
«10» 04 2026 сол.